# РОҲУ УСУЛҲО ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАИ ТАҲЛИЛИЮ ИЛМӢ ВА НАТИҶАГИРӢ АЗ ОН

Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода,

д.и.с., профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи АИДНПҶТ

https://miraliyon.page/

# ТАДҚИҚОТ

- Тадқиқотҳо дар айни замон ба ду намуд: **таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ва амалӣ** ҷудо мешаванд.
- **Тадқиқотҳои ТАҶРИБАВӢ** омилҳои иҷтимоиро бо роҳи бақайдгирии бевосита ва ё бавоситаи амалҳои рухдодаистодаи мансуб ба падидаҳои иҷтимоӣ, объектҳо ва ҷараёнҳои омӯхташаванда баррасӣ ва муайян (ҷамъбаст / хулоса) менамоянд.
- **Объекти тадқиқоти таҷрибавӣ -** ин масъала, падида ва ё зуҳурот, ҷараён ва рӯйдоде мебошад, ки воқеан (ҳақиқатан) новобаста аз тафаккури инсон дар фазо ва вақти муайян мавҷуд мебошад.
- **Тадқиқотҳои АМАЛӢ** барои ҳалли амалии мушкилоти хусусияти техникӣ (ташкилӣ, амалӣ) ва иҷтимоӣ дошта равона мегарданд.
- **Объекти тадқиқоти амалӣ** ҳама гуна муносибате мебошад, ки зимни омӯзиши мухолифати иҷтимоӣ вазъияти ҳалталабро (проблемавиро) боло мебарорад ва муносибатест, ки ба он ҷараёни воқифият (омӯзиш) равона гардидааст.
- **Предмети тадқиқоти амалӣ** – сифат ва хусусиятҳои (назариявӣ ва амалии) нисбатан муҳими объекти иҷтимоиро, ки мавриди омӯзиши бевосита қарор дода мешавад, фаро мегирад.

# СОХТОРИ ТАРКИБӢ



# МУШКИЛОТ

- Асос ва ё заминаи омӯзишии ҳама гуна тадқиқот ин мушкилот аст.
- **Мушкилот ва ё мушкилоти иҷтимоӣ** нуқтаи оғози ҳар як тадқиқот буда, бо худ ихтилофоти иҷтимоии дар объекти мушаххаси иҷтимоӣ ба вазъияти ҳалталаб (проблемавӣ) табдилёфтаро ифода менамояд.
- Яъне, мушкилоти иҷтимоӣ дар натиҷаи мухолифати иҷтимоӣ ва табдили объекти муайян ба проблема (мушкилот) пайдо мегардад, ки ҳалли он хоси омӯзишҳои иҷтимоию сиёсӣ мебошад.

# МАВЗӮЪ

- Мавзӯи маводи илмӣ ҳамчун роҳи ҳалли мушкилот, бо фарогирии ҷузъиёти асосии он дар шакли наздик ба ҳадаф ва ё натиҷанокии лоиҳа тартиб дода мешавад.

**Мисол**:

МУШКИЛОТ:

- Истисмор гардидани (инкор гардидани) манфиатҳои миллии давлатҳои хурд аз ҷониби давлатҳои бузург

МАВЗӮЪ:

- (Дарёфти) Роҳу усулҳои муқовимати устувори давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

# МУБРАМИЯТ

- Мубрамияти маводи илмӣ ин асоснокӣ, зарурат ва аҳамиятнокии мавзуъ ё мушкилоти муайяншударо фаро мегирад.
- Ҳамчунин дар ин қисмат вазъияти ҳалталаб бо назардошти объект ва предмети мавзуъ баррасӣ карда мешавад.
- **Вазъияти ҳалталаб (проблемавӣ)** - падидаи воқеиест, ки дар ҷараёни инкишофи мухолифатҳо байни дониш оид ба (донистани) талаботи одамон ба ягон кирдори назариявӣ ё амалӣ ва надонистани роҳ, восита ва усулҳои зарурии татбиқи ин кирдорҳо пайдо мешавад.

**Асоснокӣ**

- Асоснокӣ бо фарогирии заминаҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор) ва зарурати тадқиқот (чораҳои дар назар дошташуда), инчунин интизории умумӣ ва ё таъсирбахшии он оварда мешавад.

# ҲАДАФ

- **Ҳадафи тадқиқот** – ин тағйирдиҳии вазъ ва ҳолати объекти омӯхташаванда, рушди низоми сохторӣ ва беҳтаргардонии шароитҳои амали (фаъолияти) он мебошад.
- Инчунин, ҳадафи тадқиқот ифодакунандаи самти умумии он буда, бо роҳи инкишофдиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ ба натиҷаҳои интизорӣ мерасад.
- Ҳадаф бояд ҳамчун хулоса аз натиҷаи таҳлили вазъият ва асоснокии масъала бароварда шуда, ба мавзӯи тадқиқот ҳамбастагии зич дошта, дар як ҷумла, мушаххас, дастрас (бо андоза ва вақти муайян) ва дар замони «оянда» таҳия карда мешавад.
- Мисоли боло: "Дарёфт (таҳия) ва пешниҳоди роҳу усулҳои муқовимати устувори давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ~~(даҳ соли)~~ оянда"

# ВАЗИФА(ҲО)

- **Вазифа(ҳо)и** тадқиқот маҷмӯи қоидаҳои мушаххас ва мақсаднокест, ки талаботи асосӣ ва иловагиро барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти муайяншуда ташкил медиҳад; он бо воқеияти иҷтимоӣ робита дошта, таъсири омилҳои зиёди мутақобиларо имтиҳон (эҳсос) мекунад.

Мисоли боло:

1. **Таҳқиқ, баррасӣ ва таҳияи** роҳу усулҳои муқовимати давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ
2. **Баррасии воситаҳои татбиқи** роҳу усулҳои муқовимати устувор и давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ~~(даҳ соли)~~ оянда
3. **Пешниҳоди воситаҳои татбиқи** роҳу усулҳои муқовимати устувор и давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ~~(даҳ соли)~~ оянда
4. **Баррасӣ ва пешниҳоди васидаҳои мониторинг ва арзёбии ҷараён ва натиҷаи татбиқёбии** роҳу усулҳои муқовимати устувор и давлатҳои хурд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ~~(даҳ соли)~~ оянда

# МЕТОДОЛОГИЯ

- Методологияи тадқиқоти илмӣ – ин тартиб ва роҳу усулҳо мураттабшудае мебошанд, ки барои ташкил ва гузаронидани тадқиқот бо мақсади ба даст овардани донишҳои нави воқеӣ истифода мешаванд.
- Намудҳои усулҳо: мушоҳида, муқоиса, озмоиш, андозагирӣ, пурсиш, мусоҳиба, таҳлили маълумотҳои дуюмдараҷа (захирашуда), омехта
  1. **эмприкӣ (таҷрибавӣ)**: мушоҳида, муқоиса, озмоиш, андозагирӣ
  2. **назариявӣ**: фарзиявӣ, таҳлил, синтез, оморӣ, миқдорӣ идеаликунонӣ, индуксия ва дедуксия, моделсозии зеҳнӣ ғайра.

# МЕТОДОЛОГИЯ

УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ:

- Анализ (таҳлил) – ҷудо кардани объект ба қисмҳои таркибии он барои омӯзиши алоҳида;
- Синтез – якҷо (муттаҳид) кардани қисмҳои қаблан ҷудошуда ба як объект барои ба даст овардани тасаввуроти умумӣ;
- Индуксия: равонасозии тафаккур / андеша аз далелҳои ҷузъӣ (мушаххас) ба кул (умумӣ);
- Дедуксия: ба даст овардани хулосаҳои мушаххас аз қонуниятҳо  ва ё назарияҳои умумӣ;
- Моделсозӣ: омӯзиши объект бо роҳи таҳия, эҷод ва таҳқиқи модели он;
- Абстраксия (тахаюлӣ): дар тахаюл ҷудо кардани хусусиятҳои камаҳамияти объект барои муайян кардани омили асосӣ

# МЕТОДОЛОГИЯ

УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ:

- Мушоҳида – дарк (омӯзиш, пайгирӣ) намудани мақсадноки падидаҳо бидуни халалдор кардани ҷараёни онҳо.
- Озмоиш - омӯзиши объект дар шароити назоратшаванда, мушоҳидашаванда ва идорашаванда.
- Андозагирӣ - муайян кардани хусусиятҳои миқдории объект бо истифода аз воситаҳои техникӣ.
- Тавсиф - сабти натиҷаҳои мушоҳида ё озмоиш.

# МУНДАРИҶА / МАТНИ АСОСӢ

- Матни асосӣ – мундариҷа ва ё муҳтавои маводи илмӣ қисми асосӣ буда, он фарогири натиҷаҳои бадастовардашуда мебошад.
- Дар мундариҷа маводҳои (хулосаҳои) тариқи методологияи илмӣ ҷамъоваришуда тавсиф дода мешаванд, аз ҷумла вазъияти проблемавӣ бо нишон додани омилҳо ва далелҳои оморӣ, озмоишӣ, таърихӣ, ҳамчунин назару андешаҳои олимони дигар пай дар пай оварда мешаванд
- Яъне, дар ин қисмат масъалаи асосии маводи илмӣ **баррасӣ** мегардад.

# МУҲОКИМА

- Муҳокима нуқтаҳои назари тадқиқотчиро дар шакли умумӣ фаро мегирад, ки онҳо дар маҷмуъ оварда мешаванд.
- Ҳамчунин, назару андешаҳои дигар олимон, агар хусусияти муҳокимавӣ дошта бошанд, оварда мешаванд.
- Муҳокима ин як навъ пул / купрукест байни Мундариҷа ва Хулоса, пайвандакест, ки мавқеи муҳаққиқро равшан менамояд.

# ХУЛОСА

- Хулосаи таҳқиқоти илмӣ бахши интиҳоӣ буда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва навоварии илмии кори тадқиқотиро ҷамъбаст мекунад.
- Дар ин қисмат натиҷаи бадастовардашуда бо ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот муқоиса карда шуда, фарзияи пешниҳодшуда тасдиқ гардида, аҳамияти амалӣ ва дурнамои омӯзиши минбаъдаи мавзӯъ муайян карда мешавад.
- Натиҷаи тадқиқот дар шакли тавсифи умумӣ ва тавсияҳо оварда мешавад.
- Дар вақтҳои охир ҳамчунин нишон додани роҳу усулҳои назорат ва натиҷагирии маводи илмии интишоргардида, яъне мониторинги натиҷаҳо дар доираи муҳаққиқон ҷорӣ гардидааст.

# СОХТОРИ ФАНӢ (ТЕХНИКӢ)

- Сохтори фании (техникии) мақолаи илмӣ нақши роҳнамо, возеҳсозанда, собиткунанда ва таъминкунандаи воқеъият натиҷаҳоро дорад.
- Сохтори фанӣ ҳамчунин ба сифати талаботи фании маводи илмӣ арзёбӣ мегардад, ки бидуни риояи он маводи илмӣ нокомил баҳогузорӣ карда мешавад.
- Маводҳои илмӣ аз маводҳои оммавӣ (публитсистӣ) аз он фарқ мекунанд, ки манбаҳои муътамад ва далелҳои воқеӣ доранд. Маводе, ки манбаи дақиқ надорад ва аз далелҳои собитшаванда холӣ аст, маводи илмӣ намебошад.
- Илова бар ин, услуби навишити маводи илмӣ нишон додани ва ё зоҳир намудани эҳсосот, шикоят, муҳаббат, андуҳ ва хурсандиро қабул надорад. Маводи илмӣ чун санади меъёрӣ ё ҳуқуқӣ, асосан аз далелҳо ва хулосаю пешниҳодҳо / навовариҳо таркиб меёбад.

# СОХТОРИ ФАНӢ (ТЕХНИКӢ)

| | |
|---|---|
| **Забон ва имло** | Риояи пурраи забони навишти мавод бо риояи қоидаҳои имло тақозо мегардад |
| **Шакл** | Шакл гуногун аст: **мақола** дар шакли А4, **монография**-А5 ва ғ., ҳамчунин шакли электронӣ ва ё захирашуда дар ҳомили махсус |
| **Ҳуруф ва андозаи он** | Ҳуруф гуногун аст, аммо бештар «Times New Roman», «Arial” истифода мегардад; андоза - 14, 12 ва ғ. вобаста ба талаботи алоқаманд, талаб карда мешавад |
| **Фосила байни сатрҳо** | Байни сатрҳо одатан фосила 1 ё 1,5 |
| **Ҳошияҳо** | Аз ҳама тарафҳо – 2 см ё дигар вобаста ба талаботи алоқаманд |
| **Сатрҳо** | Баробарии сатр талаб карда мешавад |
| **Нишонии фардӣ** | Ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, номи муассиса (ташкилот) – аз мобайн бо ҳарфҳои муқаррарӣ оварда мешавад |

# СОХТОРИ ФАНӢ (ТЕХНИКӢ)

| | |
|---|---|
| **Истинод ва иқтибос** | Дар мундариҷа (матн) нишонии адабиёти истифодашуда бояд дар қавси чаҳоркунҷа «[ ]» нишон дода шавад. Намуна: [3, с. 40], яъне адабиёти 3, саҳифаи 40. |
| **Номгӯйи адабиёт ва манбаъҳо** | Дар охир аз рӯйи тартиби рақамгузории истинодҳо дар мундариҷа (матни асосӣ) оварда мешавад |
| **Аннотатсия** | Фишурдаи мақола бо фарогирии ҳадаф ва натиҷаҳои бадастовардашуда дар охир бо ду ё се забон оварда мешавад |
| **Калидвожа** | Вожаҳо ва ё калимаҳои асосӣ, ки дар матни мақола зиёд истифода мегарданд, яъне хусусияти афзалиятнок доранд, дар ҳаҷми 10-15 адад бо ду ё се забон оварда мешавад. |
| | |